**Тақриз**

ба автореферати диссертатсияи номзадии Иноятова Зебинисо Подабоновна дар мавзӯи “Мавқеи муаллиф - ноқил дар осори публитсистӣ (дар мисоли эҷодиёти Фазлиддин Муҳаммадиев)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – рӯзноманигорӣ

Ноқил дар публитсистика яке аз василаҳои муҳими таъсирбахшӣ ба олами тафаккури хонанда ба ҳисоб рафта, равшан будани мавқеи ӯ дар равону дилчасп гаштани сабку услуб ва забону баёни матлаб мусоидат менамояд. Мубрамияти мавзӯи таҳқиқнамудаи диссертант низ дар ҳамин ҷиҳат ифода меёбад.

Таҳқиқи ин ҷанбаи масъала дар осори публитсистии нависанда Ф. Муҳаммадиев гувоҳи он аст, ки фаъол будани нақши ноқил дар фаҳму дарки воқеияти замон ба адибон бештар кумак кардааст. Назаррас будани мавқеи ноқил дар асарҳои ин нависанда, пеш аз ҳама, шаклгирии мақбулу ҷолиби  сужаи асарҳо ва қобилияти комили мушоҳидаи адиб мебошад. Бо ин асос муаллиф чунин ҳукм мебарорад, ки  “воқеият дар заминаи нақли публитсистӣ дар эҷоди ӯ мақоми густурда дорад ва интихоби мавзӯъ дар эҷоди ин адиб ҳунармандона аст”.

Дар автореферати диссертатсия муаллиф муҳокимаронӣ, андешаву мулоҳиза ва хулосаҳои хешро дар доираи се боб аз рӯи низоми хоси тахқиқ баррасӣ намуда, ба мақсади пешгузошта муваффақ гардидааст. Муқаддимаи кор аз рӯи тартибу қолаб мазмуну ҳадафи пешгузоштаи муаллифро ҳамаҷониба ифода мекунад.

Боби аввали кор **“Таносуби воқеият ва бадеият дар асарҳои публитсистии Фазлиддин Муҳаммадиев”** номгузорӣ шуда, дар асоси афкору андешаҳои олимони соҳа моҳият, мазмун ва нақши ноқил бо асосҳои илмӣ шарҳ дода шудаанд. Дар фасли аввали ин боб таҳти унвони “Оид ба чанд шинохти ноқил дар насри публитсистӣ” муаллиф кӯшиш кардааст ноқилро ҳамчун ҷузъе аз амалкарду фаъолияти муаллиф баррасӣ намояд. Ба андешаи муҳаққиқ, ноқил - муаллиф фардест, ки аз забони як персонаж сухан гуфта, гоҳо дар асар танҳо ба сифати як ноқили мушаххас (образи муаллиф) ба назар мерасад.

Фасли дуюми ин боб бо номи “Симои ноқил дар асарҳои публитсистии Ф. Муҳаммадиев” масъалаи то кадом андоза назаррас будани “ман”- и муаллифиро баррасӣ намуда, тараннуми оҳанги замонҳо дар асоси равзанаи мушоҳидаҳои адиб таҳқиқ гардидаанд. Дар ҳақиқат, мушаххас намудани тамоми ҷиҳатҳои мавзӯъ то андозае мураккаб мебошад. Дар ин маврид ҳақ ба ҷониби муаллиф аст, ки

мегӯяд: “ҳамоҳангӣ ва ҳаракати фаъоли муаллиф - ноқил - қаҳрамонро мебинем, ки хеле нозукона ба ҳам печидаанд”.

Дар фасли сеюми ин боб бо номи “Нақши тасаввур ва тасвир дар инъикоси фаъолияти шахсиятҳои фарҳангӣ” диссертанд хати нақлии содаи нависандаро ташхискунандаи аслии воқеияти рӯз дар нишон додани симои шахсиятҳои фарҳангӣ меҳисобад. Муҳаққиқ нақши муаллифро дар очеркҳо басо барҷаставу назаррас дониста, таъкид менамояд, ки адиб “ба воситае аз ҳузури худ намо дода, бо иштирокдорони асарҳояш ба муошират меояд”. Ин ҷиҳат олами ботинии ҳамкасбону ҳампешагонро кашф месозад ва симои хотирмону намунаро (П. Толис, А. Деҳотӣ, Ҷ. Икромӣ, Т. Собиров, Б. Кимиёгаров, М. Боғиров ва дигарон) намодору хотирмон гардондаанд.

Боби дуюм таҳти унвони “**Симои муаллиф дар партави воқеияти асарҳои нависанда**” ба таҳқиқ нақши ноқил дар асарҳои сирф публитсистии адиб бахшида шудааст. Аз ин боб маълум мегардад, ки осори публитсистии нависанда бештар дар қолаби жанрҳои матбуотӣ (мактуб, мақола, лавҳа, очерк) навишта шудаанд.

Фасли якуми ҳамин боб бо номи “Мавқеи муаллиф нисбат ба фарҳанг ва масъалаҳои адабиёту санъат” бештар назари таҳқиқии адибро нисбат ба масъалаҳои маънавии ҷомеа фаро мегирад, ки тарзи муносибати адибро ба воқеияти замон бозгӯ менамояд. Ф. Муҳаммадиев дар муносибат ба ин масъалаҳо (фаъолмандии иҷтимоӣ) ҳамеша ҷуръатманд буд ва ин ҷузъиёт аз назари муаллиф дур намондааст. Дуруст аст, ки адиб дар очеркҳояш “чун ровии фаъоли рӯйдодҳо” ба назар мерасад ва сабаби инро дар хосияти осори публитсистии солҳои 60-70-и асри XX мебинад, ки ҳақиқати бебаҳс аст.

Фасли дуюми ин боб **“Дидгоҳи муаллиф - ноқили воқеаҳо ба мушкилот ва проблемаҳои ҷомеа”** ном дошта, дар симои ноқил нишон додани муносибати фард ба муҳиту фазои фарогири рӯз ҷараёну самт пайдо кардааст. Маълум аст, ки дар такя ба қонунмандиҳои адабӣ нависанда ҳақиқати бадеиро дар заминаи ҳақиқати воқеӣ тавассути шавқу ҷаҳонбинии худ шакл бахшида, ба таври ҳамешагӣ мавқеи устувори худро нисбат ба ҳар як падида нишон медиҳад. Диссертант дуруст дарёфтааст, ки “нависанда бо аслиҳаи тасвир тамоми ҳису нафрат ва меҳру муҳаббати хешро дар объекти тасвир инъикос месозад” ва дар ин роҳ рисолати ровию ноқилро ҳамеша бузург меҳисобад. Дар муносибат ба ин масъала Ф. Муҳамадиев чун соҳибмактаб нишон дода мешавад, ки дар атрофи ҳар як ҳодисаву воқеа андешаҳои созандаву муҳимро дареғ надошта, бо хулосаҳои амиқ ба олами тафаккури хонанда таъсир гузоштааст.

Дар фасли сеюми боби дуюм **“Нақши мушоҳида дар ташаккули нақли муаллиф”** дар заминаи нақлҳои тасвирӣ дар навбати аввал адиби воқеъгаро будани Ф. Муҳаммадиев бозгӯ мегардад. Ба андешаи диссертант воқеият зодаи мушоҳида аст ва шакли ҷолибу мақбули пешниҳоди он ба ҳунари тасвиргароии адиб алоқаманд аст. Аз назари муаллифи рисола ин адиб дар эҷодиёту фаъолияти худ “масъулияти ба дӯшаш боркардаи ҷомеаро хуб мефаҳмид ва аз ин рӯ кушиш менамуд дар тамоми навиштаҳояш - очерку мақола, эссеву памфлет ва ғайра инсони воқеиро инъикос намояд”. Ф. Муҳаммадиев дар заминаи нақлҳои муаллифӣ адибест, ки набзи зиндагиро ташхис карда метавонад ва дар қолаби тасвирҳои бадеӣ нақлҳои воқеии рӯзгорро ба роҳ гузошта тавонистааст.

Дар боби сеюм **«Хислатҳои вижаи ноқили воқеаҳо ва услуби нигориши нависанда»** дар бораи маҳорат ва малакаи ҳунариву нигорандагии Ф. Муҳаммадиев сухан меравад. Дар фасли “Муаллиф иштирокчии воқеаҳо дар насри воқеъгароёна” масъалаҳои сабкиву услубии эҷоди адиб матраҳ гашта, нақши ноқил дар ин самт дар ифодаи мақсад муваффақона дониста мешавад. Муҳаққиқи рисола бори дигар вазифаҳои ноқилро дар намунаи осори адиб дақиқан нишон дода, ба ҳунари мушоҳидаҳову тасвирсозиҳои муаллиф баҳои баланд дода тавонистааст.

Дар фасли дуюми боби сеюм зери унвони **“Муаллиф-андешапарвар дар осори публитсистиву бадеӣ”** доир ба маҳорати мармузбаёниву хосияти маънавии осори адиб сухан меравад. Ба андешаи З. Иноятова, ин адиб яке аз намояндагони бузурги насрнависи асри гузашта мебошад, ки сабку услуби хосаро дар пешниҳоди матлаб соҳиб буда, бештар онҳо ба таъсири хусусияти инъикоси рӯзмарра (публитсистика) шакл пайдо кардаанд.

Фасли сеюми ин боб **“Уфуқҳои инъикоси бадеии воқеият дар жанрҳои ҳаҷвии публитсистика”** ном дошта, дар асоси қолабҳо ва қонуниятҳои жанрӣ адиби ҳаҷвнавису муваффақ будани Ф. Муҳаммадиев собит кунонида мешавад. Назар ба андешаи муҳаққиқи рисола эҷоди ӯ “бисёр намакин, пур аз мутоибаю зарофат ва аскиягӯиҳост”, ки мутобиқат ба майлу завқи хонанда доранд. Адиб бо истифодаи ривояту ҳикоятҳои гуногун (фелетону памфлетҳо) симои мусбату манфии офаридаҳояшро ҷолиб сохта тавонистааст.

Дар маҷмӯъ, диссертант ба ҳадафи пешгузоштаи худ муваффақ гардидааст ва масъалаҳои ноқил, ровӣ, “ман”-и муаллифӣ ва қиссагӯро дар сатҳи хос ташхис карда тавонистааст. Дар баробари ҳама муваффақиятҳо баъзе ноқисиҳо низ дар кор ба назар мерасанд:

1. Ҷанбаи назариявии автореферати диссертатсия масъалаҳои марбутро фаро гиранд ҳам, баъзан қиёсу таҳлилҳо дар нишон додани ҳадафи меҳварии муаллиф чандон амиқ нестанд.
2. Агар ба таври фарохтар аз тариқи қиёс осори Ф. Муҳаммадиев бо дигар адибони ҳамзамонаш ҷараён пайдо мекард, ҷанбаи илмии кор бехтар мегардид.

Ба андешаи мо чанд эроди боло ҷузъӣ буда, автореферати диссертатсияи Иноятова Зебинисо Подабоновна “Мавқеи муаллиф - ноқил дар осори публитсистӣ (дар мисоли эҷодиёти Фазлиддин Муҳаммадиев)” ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он барои соҳиб шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ сазовор аст.

Номзади илмҳои филологӣ, муовини раиси Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон — **Рустамзода Дилафрӯз Абдусалом**

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Шероз - 31
E-mail: dilush75@mail.ru

Имзои н.и.ф. Рустамзода Дилафрӯз Абдусаломро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, таъминоти ҳуқуқӣ ва коргузории Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон — **Шокирзода Маъруф**

10.11.2020